Бо максади харчи амик гардонидани ислохоти идоракунии давлатӣ, ташаккул додани системаи шаффофи фаъолияти макомоти идоракунӣ, сарфакорӣ, пурсамар истифода бурдани маблагхои бучетӣ ва таъмини рушди устувори иктисодию ичтимоӣ ва фархангии Чумхурии Точикистон бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон № 9 аз 30 ноябри соли 2006 «Дар бораи такмил додани сохтори макомоти марказии хокимияти ичроияи Чумхурии Точикистон» сохтори нави макомоти марказии хокимияти ичроия тасдик карда шудааст.
 Дар асоси ин Фармон Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон ташкил намуда, ба он вазифахои собик Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон, Маркази хамохангсозии кӯмаки берунаи Дастгохи ичроияи Президенти Чумхурии Точикистон, масъалахои собик Вазорати иктисод ва савдои Чумхурии Точикистон ва Вазорати молияи Чумхурии Точикистон вобаста ба чалби сармоя, хамчунин масъалахои собик Агентии сиёсати зиддимонополӣ ва дастгирии сохибкории назди Хукумати Чумхурии Точикистон вобаста ба дастгирии сохибкорӣ вогузор гардиданд.

Хамин тарик, масъалахои фарохам сохтани мухити мусоиди сармоягузорӣ ва афзоиш додани воридоти сармоя ба мамлакат, хамохангсозии кӯмаки беруна, хамчунин дастгирии рушди сохибкорӣ дар макоми ягонаи давлатии идоракунӣ марказонида шуданд, ки бояд халли самараноки онхоро таъмин созад.
 Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар асоси «Дастур дар бораи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон», ки бо Карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз 28 декабри соли 2006, № 590 тасдик шудааст, фаъолият менамояд ва дар асоси он мукаррар гардидааст, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумхурии Точикистон макоми марказии хокимияти ичроия буда, дар доираи ваколатхои худ сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрии хукукиро дар сохаи сармоягузорӣ, идораи амволи давлатӣ, рохбарӣ ва амалӣ намудани гайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Чумхурии Точикистон зимни хамчун молик намояндагӣ кардан ва манфиатхои давлатро сурат дода, дар сохаи татбики барномахои дастгирии сохибкорон фаъолият мекунад.